## 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

**1.**Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" №700 аз 25 марти соли 2011 бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1146 аз 29 октябри соли 2008 ҳамчун қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқаррааргардида таъсис ёфта, дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси иқтисодӣ муҳайё карда шудааст.

**2.**Намуди МОИ "Суғд" саноатӣ – инноватсионӣ буда, бо ҳадафҳои умуми иқтисодӣ, рушди тиҷорати хориҷӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ – техникӣ ба мӯҳлати 25 сол ташкил шудааст.

**3.**Ҳадафи умумии иқтисодӣ – ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ва технологияи муосир, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, истифодаи нерӯи корӣ, захираҳои табии ва афзун намудани иқтидори иқтисодии кишвар мебошад.

**4.**Инчунин МОИ "Суғд" бо мақсадҳои таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти вилояти Суғд ва Тоҷикистон дар тақсимоти байналмиллалии меҳнат, тараққӣ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозори ватанӣ ва хориҷӣ таъсис ефтааст.

**5.**Ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва беҳтар намудани қобилияти харидории мардум аз ҳадафҳои иҷтимоии ташкилёбии МОИ "Суғд" мебошад.

**6.**Дар ҳудуди МОИ "Суғд" ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиетӣ, телекоммуникатсионӣ ва истеҳсолии ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ихтироот ва фановарии ватанӣ, ташкили шабакаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза низ дар назар аст.

**7.**Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" дар қисмати ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанд ҷойгир шудааст. Дар ин қитаъаи замин таҳлили геологию геодезӣ ва лоиҳакашӣ анҷом дода шудааст. Масоҳати умумии МОИ "Суғд" 320 гектарро ташкил медиҳад. Дар ин қисмати шаҳр дар оянда аз ҳисоби заминҳои холӣ то 2000 гектар васеъ намудани ҳудуди МОИ "Суғд" имконият ҳаст.

**8.**Мавҷудияти инфрасохтори истеҳсолӣ ва коммуникатсионӣ дар ин макон, дар наздик ҷойгир шудани хонаҳои истиқоматии шаҳри Хуҷанд, мавҷудияти кӯпруки нав дар дарёи Сир ва дурнамои сохтмони шохаи роҳи

оҳан то МОИ "Суғд" боиси ҷойгиршавии минтақаи озоди иқтисодӣ дар ин макон аст.

**9.**Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ яке аз шартҳои асосӣ дар интихоби макони мусоид барои оғози бизнес аст. Барои корхонаҳое, ки маҳсулоташон ба содирот равона мешавад, МОИ "Суғд" макони мусоид мебошад. Шабакаи рушдкардаи нақлиётии шаҳри Хуҷанд барои содирот ва тиҷорат бо кишварҳои хориҷии дуру наздик имконияти васеъ эҷод мекунад. Шоҳроҳи байналмиллалӣ бевосита аз назди даромадгоҳи асосии МОИ "Суғд" мегузарад.

## 2.ПОТЕНСИАЛИ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ВА ШАҲРИ ХУҶАНД

| **Вилояти Суғд** | |
|---|---|
| **Мавқеи ҷойгиршавӣ:** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** |
| **Таъсис дода шудааст:** | **Соли 1970** |
| **Масоҳат:** | **26,1 ҳазор км. кв.** |
| **Аҳолӣ:** | **2058,6 ҳазор нафар** |
| **Зичии аҳолӣ:** | **81 нафар дар 1 км²** |
| **Маркази маъмурӣ:** | **шаҳри Хуҷанд** |
| **Сарҳад:** | **аз шимол- ҶумҳурииЎзбекистон<br>аз шарқ- Ҷумҳурии Қирғизистон** |
| **Иқлим:** | **Субтропикӣ, континенталӣ** |
| **Дарёҳо:** | **Сирдарьё, Зарафшон** |
| **Захираҳои табиӣ:** | **нафту газ, тилло, ангиштсанг, омехтаи сурбу нуқра, сурмаю симоб, тахтасанги мармарӣ, маводи сохтмон, маъдани полиметалӣ, мис** |

**10.**Вилояти Суғд минтақаи рушдёфта ба ҳисоб рафта, нақши шоҳроҳи дар маҷмааи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**11.**Масофаи байни шаҳри Хуҷанд ва шаҳри Душанбе -327 км.
60% потенсиали иқтидори гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон мансуб мебошад.

**12.** Аз шумораи умумии конҳо 214 конҳои канданиҳои фоиданок барои коркард омӯхта, аз худ ва омода карда шудаанд.

тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва хатарҳо бо усули муосири SWOT бо иштироки роҳбарияти корхонаҳо, кормандон, соҳибкорон, намояндагони ташкилотҳои байналмиллалӣ ва мақомотҳои давлатӣ чун анъана ба роҳ монда шудааст.

**Таҳлили SWOT:**

| Тарафҳои қавӣ (Strengths) | Тарафҳои заиф (Weaknesses) |
|---|---|
| - Имтёзҳои гумрукӣ; | - Номукаммалии санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба идораи самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳо (зидият-мухолифат); |
| - Имтиёзҳои андозӣ; | - Нокифоии кӯмаки молӣ аз ҷониби давлат; |
| - Мавҷудияти инфрасохтор; | - Нокифоягии маълумот оиди имкониятҳои корбарӣ дар МОИ дар байни аҳолӣ ва доираҳои соҳибкорӣ; |
| - Мутахассисони баландихтисос дар Маъмурият; | - Боварии комил надоштани соҳибкорони ватанӣ; |
| - Мавҷудияти иншоотҳои истеҳсолӣ; | - Муаммоҳои механизми истифодабарии қитъаи замин то охир ҳалли худро наёфтааст; |
| - Ҳамкории зич бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайриҳукуматӣ; | - Норасогии таҷрибаи байналмиллалӣ; |
| - Ҷалби коршиносони хориҷӣ; | - Набудани равзанаи ягона; |
| - ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ; - | - Мушкил будани ҷалби мутахассисони сатҳи байналмиллалӣ доир ба масъалаҳои ташкил ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ; |
| - Мавҷудияти санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ; | - То охир ҳал нагардидани муаммоҳои ташкилотҳои мақоми субъект надошта, ки ба хусусиятҳои фаъолият дар дохили минтақаи дорои низоми махсуси ҳуқуқӣ мухолифат мекунанд; |
| - Суботи сиёсӣ; | - Ба инобат нагирифтан ва нафаҳмидани мафҳуми минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз тарафи баъзе сохторҳои давлатӣ; |
| | - Инфрасохтор дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтааст; |
| | - Паст будани сатҳи боварии сармоягузорони хориҷӣ; |
| | - Таваҷҷӯҳ танҳо ба содирот, ҳол он ки бозори дохилӣ имконияти зиёди воридотивазкуниро аз ҳисоби ташкил додани истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ дар |

| | |
|---|---|
| стандартҳои истеҳсолии экологӣ;<br>- Талаботи доимӣ дар бозори дохилӣ;<br>- Имконияти ҷалби технологияҳои замонавӣ;<br>- Имконияти дохил шудан ба бозорҳои нав;<br>- Имконияти ҷалби мутахассисони пуртаҷриба, аз он ҷумла аз хориҷа;<br>- Ташкил намудани инфрасохтори замонавии шаҳрӣ;<br>- Имконияти истифодаи таҷрибаи минтақаҳои пешрафтаи хориҷӣ;<br>- Ташкили муҳити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ;<br>- Азхудкунии намудаҳои нави истеҳсолот бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ;<br>- Ташкили бренди байналмиллалӣ;<br>- Афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ;<br>- Кооператсия дар даруни МОИ;<br>- Хизматрасонии логистикии замонавӣ;<br>- Беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии аҳолии минтақа.<br>- | давлатҳои ҳамсоя;<br>- Дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ нашудани субъектҳо аз тарафи сохторҳои давлатии дахлдор |

## 5.АФЗАЛИЯТҲО ВА ҲАДАФҲОИ БАРНОМАИ РУШДИ МОИ “СУҒД” ДАР СОЛҲОИ 2016-2018

- **Мақсад ва вазифаҳо**:

**40.**Мақсади асосии таҳия ва қабули ҳуҷҷати стратегияи рушди миёнамӯҳлати МОИ “Суғд” ноил гардидан ба сатҳи нав ва ҷамъбасти давраи гузариш дар соли 2018.

**41.**Татбиқи чорабиниҳо оид ба ҷалби сармоягузорӣ ва имкониятҳои давлатӣ доир ба дар соли 2018 анҷом додани сохтмони тамоми инфрасохтори зарурии марҳилаи аввал ва оғози сохтмони марҳилаи дуюми бунёди инфрасохтор дар ҳудуди МОИ “Суғд”;